«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара н.и.т., д.и.п.
____________Шоҳиён Н.Н.
«_27_» ___01_______с.2022

**Хулосаи**

Донишгоҳи давлатии Данғара ба рисолаи диссертатсионии унвонҷӯй Алишери Амирхон дар мавзуи «Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ

Диссертатсияи Алишери Амирхон дар мавзуи «Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)» дар ҷаласаи кафедраи идораи давлатӣ ва таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро гардидааст.

Дар давоми омодасозии диссертатсия (2017-2021) Алишери Амирхон унвонҷӯй кафедраи идораи давлатӣ ва таърихи умумӣ Донишгоҳи давлатии Данғара буда, то инҷониб кору фаъолият дорад.

Соли 2014 зинаи бакалавр ва соли 2016 зинаи магистратураро дар факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав ҳоло (Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав) аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм кардааст.

**Роҳбари илмӣ** – Расулиён Қаҳҳор Расул доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 28-уми декабри соли 2018, таҳти №5 тасдиқ гардидааст.

Ба унвонҷӯй аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Данғара соли 2020 шаҳодатномаи №384 дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дода шудааст:

- забони хориҷӣ (забони англисӣ)бо баҳои “хуб” 20-уми феврали 2020;
- таърих ва фалсафаи илм бо баҳои “аъло” 24-уми апрели 2020;

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:
Таркиби рисола аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Кори диссертатсионии Алишери Амирхон «Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016)» тадқиқоти илмии мустақилона ва эҷодкорона анҷомёфта буда, бо навовариҳои худ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотӣ ҳал карда, натиҷаҳо ва хулосаҳо асоснок карда шудаанд? Муаллиф қобилияти истифодаи методҳои муосири таҳлил, қобилияти гузаронидани таҳқиқоти мустақили илмиро нишон додааст.

Омӯзиши ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи замон буда, моро водор месозад, ки он дастоварду комёбиҳои мардуми заҳматкаши вилояти Хатлонро мавриди омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода, онро мушикофона дар рисолаи худ баррасӣ кардааст. Дар шароити ҷаҳони пурихтилоф, ки гуногунии фарҳангу маданият мушоҳида мешавад, зарурат пеш омадааст, ки ақида ва ғояҳои фарҳанги миллии худ ва он дастовардҳои фарҳангии мардуми худро омӯхта ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем. Дар асоси омӯзиш ва баррасии ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон имконият пайдо мешавад, ки инкишофи ҷомеаи муосир мушоҳида карда шавад, он дастовардҳои муҳими фарҳангӣ, ки аз дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб меёбаду дар асоси арзишҳои миллӣ ва бунёдӣ ба даст омадаанд дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ карда шавад ва он камбудиҳои ҷойдошта ошкор карда шуда, барои бартараф намудани онҳо мо бояд аз тамоми имкониятҳо истифода намоем.

Дар пажуҳиши кори илмӣ-таҳқиқотӣ дастовардҳои илмии муаррихони ватанӣ, мисли Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон., Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М., Табаров М."; Шерхон У., Шарифов Д., Содиқов Р., Шарифов Д., Абдулзод А., Муҳамадалӣ Ф., Сабзаев С., Муродиён Ҳ., Асоев Н., Абдуназаров Х., Кабутов З., Махсумов М. ва дигарон ҳамчун манбаъҳои назариявию методологӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар вақти навишт ва омодасозии диссертатсия ҷанбаъҳои мухталифи ҳаёти фарҳангии халқи тоҷикро мавриди омӯзиш қарор дода, ба ҳадафи гузошташуда расидааст.

**Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия маълум гардид, ки дар кор як қатор навовариҳои илмии таҳқиқот мавҷуд мебошанд:**

- дар рисола бори нахуст арқому омори ҳанӯз ба гардиш надаромадаи бойгонӣ, таърихӣ, матбуоти даврӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд;
- таҳлилу баррасии вазъи маориф аз қабили макотиби таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касби, таҳсилоти олӣ;
- таҳқиқи вазъи ҳаёти адабӣ;
- мавриди таҳқиқ қарор додани ҳунари театрӣ ва мусиқӣ;
- таҳқиқ ва таҳлили вазъи муассисаҳои фарҳангӣ-равшаннамоӣ аз қабили китобхонаҳо, музейҳо, хонаҳои фарҳанг, клубҳо, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ;

Рисола дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонад, дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаррихон ҷиҳати муайян кардани равияҳо, усулҳо ва услубҳои таҳқиқоти худ, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти фарҳангӣ бахшида мешаванд, кумак расонад. Натиҷаи таҳқиқот метавонад барои анҷом додани таҳқиқоти нав дар омӯзиши таърихи давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар дарсҳои лексионӣ ва амалӣ, ҳамчунин ба сифати "курси махсус" дар

макотиби олии ҷумҳурӣ ҳангоми омӯзишии фанни “Таърихи халқи тоҷик” мавриди истифода қарор гирад.

Маводҳои диссертатсия, аз ҷумла, натиҷаҳои таҳлили ҳаматарафаи системавӣ, таҳқиқоти назариявӣ, усулҳои тахияшуда, бозёфтҳо ва тавсияҳо дар тахияи китобҳои дарсӣ, дастурҳо ва курсҳои махсус истифода мешаванд.

Муҳтавои рисолаи илмӣ дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон, унвонҷӯйёну аспирантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Данғара мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

## ИНТИШОРОТИ НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ иҷро ва таълиф гардида, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯй аст. Автореферат ва 10 мақолаи чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд:

[1-А] Алишери А. Нигоҳе ба фаъолияти ҳунарии театри Данғара // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 7, – Душанбе, 2019. – С. 107-113.

[2-А] Алишери А. Нигоҳе ба таърих ва таҳаввули низоми маориф дар шаҳри Кулоб, Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, №5(89), 2019.
– Душанбе, 2019. – С. 243-251.

[3-А] Алишери А. Саҳми ниҳодҳои хориҷӣ дар рушди маорифи вилояти Хатлон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон № 7. – Душанбе, 2020. – С. 103-108.

[4-А] Таҳаввулоти фарҳангии вилояти Хатлон дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, №1(69). Душанбе, 2021. – С. 240-247.

[5-А] Расулиён Қ.Р., Алишери А. Вазъи адабии вилояти Хатлон дар чаҳоряк асри соҳибистиқлолии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 3. – Душанбе, 2022. – С. 65-73.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[6-А] Мактабҳои типи нав дар вилояти Хатлон // Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), №3. – Душанбе, 2021. – С.139-145.

[7-А] Рушди таҳсилоти олӣ дар вилояти Хатлон яке аз нишонаҳои соҳибистиқлолии комили давлатӣ // Сиёсат, давлат ва ҳуқуқ (маҷаллаи илмӣ-амалӣ), №3.– Душанбе, 2021. – С.153-163.

[8-А] Вазъи таҳсилоти касбӣ, ибтидоӣ ва миёна дар вилояти Хатлон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирпазирии ҷаҳон". – Кӯлоб, – 2022. С.168-171.

[9-А] Ҳаёти театрию мусиқии вилояти Хатлон дар чаҳоряк асри соҳибистиқлолии Тоҷикистон // Мақолоти таърихӣ (маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ). – Душанбе: Шоҳин-С – 2022. С. 32-44.

[10-А] Вазъи фаъолияти васоити ахбори омма дар вилояти Хатлон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирпазирии ҷаҳон". – Кӯлоб, – 2022. С.228-230.

Ҳамин тарик, унвонҷӯй Алишери амирхон вазифаҳои рисоларо бо муваффақият иҷро кардааст, кори ӯ таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта буда, дар ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ:

Мавод ва методҳои истифодашуда, инчунин методологияи омӯзиш ба ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мувофиқат менамоянд. Дар асоси натиҷаҳо, татбиқи амалӣ ва сифати тарроҳии диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Алишери Амирхон «Ҳаёти фарҳангии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиклолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ барои муҳокимаи сатҳи болоӣ тавсиа дода мешавад.

Хулоса, дар маҷлиси муштараки кафедраи идораи давлатӣ ва таърихи умумӣ ва кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара қабул карда шудааст. Протоколи №6 аз 4-уми январи соли 2021.

Дар маҷлис 12 нафар, ки аз онҳо 3 нафар докторон ва 4 нафар номзадҳои илм, 5 нафар саромӯзгорон иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор» - 12 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа,
н.и.ф., и.в.дотсенти кафедраи фанҳои
гуманитарӣ Азизов К.Ҷ.

Котиби ҷаласа, саромӯзгори
кафедраи идораи давлатӣ ва таърихи умумӣ Ализода А.

Имзои К.Ҷ.Азизов ва
Ализода Алиҷонро тасдик мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Ҷабборӣ Н.Ҷ .